# ФАРМОИШ

Дар бораи тасдиқ намудани тартиби гузаронидани муоинаи хронометражӣ

Мутобиқи муқаррароти банди 7 қисми 3 моддаи 22 ва моддаи 40 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон,

## ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Тартиби гузаронидани муоинаи хронометражӣ тасдиқ карда шавад (замима мегардад).
2. Тартиби гузаронидани муоинаи хронометражӣ ба Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои бақайдгирии давлатӣ пешниҳод карда шавад.
3. Раёсати молиявию-хоҷагидорӣ Тартиби мазкурро дар рӯзномаи «Ҷумҳурият» нашр намуда, барои ба мақомоти ҳудудии андоз ва андозсупорандагон дастрас намудани он чораҳо андешад.
4. Фармоиши мазкур пас аз бақайдгирии давлатӣ ва интишори расмӣ аз санаи 1 январи соли 2013 мавриди амал қарор дода шавад.
5. Фармоиши Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 апрели соли 2011, таҳти №4-Ф «Дар бораи Тартиби гузаронидани муоинаи хронометражӣ», ки дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 майи соли 2011 таҳти №611 ба қайди давлатӣ гирифта шудааст, аз эътибор соқит дониста шавад.
6. Назорати иҷрои Фармоиши мазкурро ба зиммаи худам вогузор менамоям.

**Раис** **Н.Давлатов**